## *ТАҚРИЗ*

**ба автореферати диссертатсияи Аламуратов Бахтиёр Боронович дар мавзуи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои пешниҳод ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Масъалаи самаранок истифодабарии захираҳои заминҳои корам дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳиму рузмара ҳисобида мешавад, зеро ҷумҳурии мо камзамин аст. Аз тамоми масоҳати заминҳои ҷумҳурӣ танҳо 28 фоизи он дар кишоварзӣ истифода бурда мешава, ки қисми зиёди онро чарогоҳҳо ташкил медиҳанд.

Шароити муътадили хокию иқлимии ҷумҳурӣ дар водиҳо барои пахтакорӣ ва ғаллакорӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, вазифагузошта мешавад, ки бо мақсади таъмини аҳолӣ ба гӯшти шир, онро минбаъд тараққи додан шарт ва зарур аст.

Аз ин лиҳоз, пеш аз ҳама таҳкурсии мустаҳками хӯрокавӣ лозим аст. Яке аз захираҳои муҳими зиёд намудани истеҳсоли хуроки чорво ин парвариши зироатҳои фосилавӣ мебошад, ки дар сурати интихоб кардани навъҳои он аз рӯи давомнокии нашвӣ, дар як сол ду ҳосили дон гирифтан мумкин аст.

Кори диссертатсияи Аламуратов Бахтиёр Боронович ба таҳқиқи масъалаҳои асосии соҳаи аграрии ҷумҳурӣ, руёнидани 2 ҳосили дон дар як сол бахшида шудааст. Таҳқиқоти гузаронидаи у асосан аз интихоби навъҳои мухталифи ҷуворимакка ва муайян намудани зичии оптималии ниҳолҳо дар киштҳои ангорӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон иборат мебошад.

Муаллиф бори аввал самаранокии навъҳо ва зичии оптималии навъҳои нави селексияи ватаниро муайян намудааст. Навъҳои интихобшуда ва зичии оптималии ниҳолҳои тавсияшуда имконият доданд, ки аз кишти ҷуворимакка вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳо аз 5,8 то 7,6 т/га дон ва аз 49,0 то 56,0 т/га баргу пояи сабз рӯйёнда шавад.

Самаранокии иктисодии парвариши ҷуворимаккаи ангорӣ вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳо нишон додааст, ки навъҳои Аскар, Зоҳир бо зичии

ниҳолҳо 50 ҳаз./га ва Дилшод бо зичии 60 ҳаз./га, ки аз ҳар як воҳиди масоҳати мутаносибан 3910,5; 3314,6 ва 4655,6 сомонӣ/га даромади соф бо дараҷаи даромаднокии 58,0; 49,2 ва 69,0% рӯёнида шудааст.

Мазмун ва мундариҷаи автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба он мувофиқат намуда, ороишоти он мувофиқи талабот иҷро гардидааст.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Аламуратов Бахтиёр Боронович дар мавзуи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноат,
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи ак. М.С.Осимӣ
дар ш. Хуҷанд (ДПДТТХ), **Рашидов Н.Ч.**
дотсент, доктори илмҳои кишоварзӣ бо ихтисоси
06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.
**Тел. моб.:** +992 92 720 5057
**Почтаи эл.:** naimrashidov-tj@mail.ru

Имзои Н.Ҷ. Рашидовро тасдиқ менамоям:
Мудири ШК ДПДТТХ **Ёқубова М.А.**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 226.

31 / 05 / 2023с.